# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар шароити рушди давлати миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Нақлиёт қисми муҳимми инфрасохтор буда, барои фаъолияти дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шароити муфиди рушд фароҳам меоварад.

Дар Тоҷикистон бунёди шабакаи устувори роҳҳо ҳанӯз аз замони ташаккули давлатдории замони Шуравӣ дар солҳои 20-уми садаи XX оғоз гардида, барои ба вуҷуд овардани робита бо минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дигар ҷумҳуриҳои мамлакати Шуроҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дошт.

Таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ аз давраи бунёди Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (1920), ки Бухорои Шарқӣ ҷузъи таркибии он буд, ҳамчунин таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) ва то давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон мусоидат намуд.

Дар ин замина бунёду ба истифода додани роҳҳои нав ва таъмини инфрасохтори муосири коммуникатсионӣ на танҳо робитаи дохили кишварро таҳким бахшиданд, балки барои рушди иқтисоди миллӣ ва тақвияти рақобатпазирии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ замина фароҳам оварданд.

Бо дарназардоти андешаҳои мазкур ва аҳаммияти ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар садаи XX - ибтидои асри XXI ва татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар дар шароити истиқлоли давлатӣ - аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон мавзуи

рисолаи доктории Айнулозода Наҳтулло Айнуло ба масъалаи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)» бахшида шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии докторӣ ба бандҳои 3, 4 ва 9 шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мутобиқат дорад.

Дар таърихнигории муосири тоҷик масъалаи таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт ва инфрасохтори нақлиётӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021) ва аҳаммияти он дар пешрафти хоҷагии халқи мамлакат дар замони Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Ҳамзамон то имрӯз вобаста ба масъалаи роҳу нақлиёт ва ташаккули инфрасохтори он таҳқиқоти байнисоҳавӣ гузаронида нашудааст, ки ин мубрам будани мавзуи мавриди таҳқикро тақвият мебахшад.

Дар баробари ин, дар солҳои Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад, ки зарурати таҳқиқи мавзуи рисолаи диссертатсионии мавриди назарро тақвият дода, муҳим будани онро тасбит месозад.

Навгониҳои илмии рисолаи докторӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст равандҳои таърихии ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон дар давоми асри XX ва ибтидои асри XXI бо назари фарогир ва марҳилавӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Ҳангоми таққиқот равандҳои рушду инкишофи соҳаи роҳу нақлиёт бо дарназардошти таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шакли бонизом мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин навгониҳои асосии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таърихи соҳаи нақлиёт дар Тоҷикистон ва марҳилаҳои рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар давраи солҳои 1924–2021, равобити функсионалӣ ва ҳамоҳангии сохтории навъҳои гуногуни нақлиёт (мошингард, роҳи оҳан, ҳавоӣ) ва таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ, нақши онҳо дар ташаккули заминаҳои иқтисодии давлати муосири Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти мазкур асоснокии илмӣ барои таҳия ва амалӣ сохтани стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт, бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва вазъи геополитикии кишвар, таҳлили оморӣ ва зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, бо техника таъмин шудани равандҳои сохтмон ва нақбсозӣ ҳамчун омили муассир ва мусоид барои таҳкими рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ таҳлил ва барои татбиқ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот масъалаи ҷалби манбаъҳои молиявӣ, аз ҷумла сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, барои рушди самараноки соҳаи нақлиёт, модели таҳлили таърихии ташаккул ва рушди соҳаи роҳу нақлиёт, самаранокии он тавассути таҳлили муқоисавӣ бо дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, саҳми иштироки фаъол ва пайвастаи роҳбарияти олии кишвар дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ҳамчун омили муҳимми аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон навгониҳои асосии рисолаи диссертатсионии мавриди тақриз мебошанд.

Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири тоҷик мебошад, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф мақсад, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҳудуди хронологӣ, ҷуғрофӣ, пояҳои методологӣ ва

сарчашмавии таҳқиқоти худро дуруст муайян карда, минбаъд дар раванди пажуҳиш онҳоро дар ҳамбастагии мантиқӣ, илмӣ, методологӣ дуруст ҳаллу фасл намудааст.

Саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқу омӯзиш ва натиҷагирӣ аз мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки аз ҷониби муаллиф ҳангоми баррасии диссертатсия вобаста ба асосноккунии назариявию методологии кор, тафсири мафҳумҳои асосӣ, татбиқи натиҷаҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвари мо, тавсияҳо барои рушди минбаъдаи инфрасохтори нақлиёт ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва пешниҳод карда шудаанд.

Сохтори диссертатсия, тарзу услуби таҳия ва баёни мантиқии мавод ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таълифи диссертатсияҳо ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи тақризшаванда аз лиҳози мазмун, муҳтаво ва сохтори худ аз муқаддима, «Тавсифи умумии таҳқиқот», шаш боб, чордаҳ зербоб, бахши «Хулосаҳо», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 376 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 13 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 346 номгӯй иборат аст, ки сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншудаи рисолаи докторӣ мутобиқ аст.

Аҳаммияти амалии мавзуи мавриди таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун пойгоҳи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои рушд, тарҳрезии барномаҳои давлатӣ ва муайян намудани сиёсати мақсадноки соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои илмии диссертатсияро ҳангоми таҳияи шабакаҳои нақлиётӣ, банақшагирии роҳҳои минтақаҳои аҳолинишин,

сохтмону навсозии роҳҳо ва нақбҳо, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ бо кишварҳои ҳамсоя дар самти коммуникатсияи заминию ҳавоӣ, инчунин идоракунии беҳтари шабакаҳои нақлиётӣ ва беҳтар гардонидани сатҳи хизматрасонии нақлиётии дохилӣ ва транзитӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳа ва мутахассисон истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот метавонад барои тайёр кардани кадрҳои соҳаи нақлиёт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии техникӣ ҳамчун воситаи таълимӣ истифода гардад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамият ва арзиши илмии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда, асосҳои методологӣ, пояи сарчашмавии рисолаи илмиро муайян ва мушаххас намуда, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии унвонҷӯй барои ба даст овардани натиҷаҳо, ҳамзамон аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, арзиши амалии диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳлили масъала ва заминаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми он «Таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методологияи таҳқиқот» мебошад, ки дар он таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон дар таърихнигории Тоҷикистони Шуравӣ ва замони истиқлолият мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия масъалаҳои «Заминаҳои таърихии ташаккули роҳсозӣ ва инфрасохтори он дар Тоҷикистон» таҳлил гардида, қайд гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба далели мавқеи кӯҳистонӣ ва релефи мураккаб роҳҳо воситаи муҳимми пайванди деҳот бо шаҳр, манотиқи дурдаст бо марказ ва мардум бо якдигар мебошанд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар соли 20-40-уми асри XX» инъикос гардида, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби аввал оид ба масъалаи «Бунёди инфрасохтори роҳсозӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 20–30-юми асри XX ва таъсири он ба пешрафти бахшҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюми боби дуюм бошад, масъалаҳои «Вазъи сохтмони роҳҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва барқарорсозии баъдиҷангӣ» таҳлил гардида, қайд карда шудааст, ки дар соҳаи алоқа ва нақлиёт мушкилоти зиёд вуҷуд дошт, ки ба харобиҳои ҷанг робита доштанд.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои «Аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар тараққиёти хоҷагии халқӣ ҶШС Тоҷикистон» баррасӣ гардидааст. Дар зербоби якуми боби сеюм «Вазъи шабакаҳои роҳи оҳан ва шаклгирии он дар солҳои 20-40-уми асри XX дар ҶШС Тоҷикистон» баррасӣ гардида, қайд гардидаст, ки бунёди роҳи оҳан дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз миёнаҳои асри XIX дар як қисмати Осиёи Миёна оғоз ёфта, ба рушди тиҷорат, интиқоли молу маҳсулот ва рафту омади мусофирон мусоидат кардааст.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки масъалаи бунёди роҳи оҳан ба самти Бухорои Шарқӣ ҳанӯз соли 1914 аз ҷониби ширкати роҳсозии Бухоро банақшагирии роҳи оҳани Тирмиз – Душанберо баррасӣ намуд, вале оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ боис гашт, ки масъалаи мазкур мавқуф гузошта шавад.

Дар зербоби дуюм боби сеюм масъалаи «Раванди ташаккул ва рушди авиатсияи гражданӣ дар ҶШС Тоҷикистон: заминаҳо ва шароити сиёсиву иқтисодӣ» ва хоҷагидории солҳои 20-ум таҳлил гардида, қайд шудааст, ки рӯзи 3-юми сентябри соли 1924 парвози ҳавопаймои «Юнкерс F-13» аз Бухоро ба Душанбе анҷом дода шуд ва маҳз дар ҳамин марҳила бо мусоидати молиявии коргарони Тоҷикистон, аввалин

ҳавопаймо бо номи «Тоҷикистони Сурх» харидорӣ карда шуда, тадриҷан авиатсияи гражданӣ дар кишвар рушд намуд.

Боби чоруми диссертатсия ба масъалаҳои механиконии хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 50-80-уми асри XX бахшида шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум масъалаҳои ташкили робитаи нақлиётии минтақаҳо дар ҶШС Тоҷикистон ва рушди роҳҳои мошингард дар солҳои 50-80-уми асри сипаригардида баррасӣ гардидааст. Қайд карда мешавад, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати роҳсозӣ дар ин давра, аз таъмини бехатарии ҳаракат барои ҳама гуна воситаҳои нақлиёт, нигоҳдории роҳҳо, баланд бардоштани сатҳу сифат ва истифодабарии бештари иншооти нақлиётӣ иборат буд.

Ҳамзамон, дар зербоби дуюми ин боб механиконии соҳаи роҳу нақлиёт ва нақши онҳо дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ таъкид гардида, ба андешаи муаллиф дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ, бавижа дар шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва байнириминтақавӣ, роҳҳои наву беҳтар ва босифат сохта шуданд.

Дар боби панҷуми рисолаи илмӣ масъалаҳои идомаи барқарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XX таҳлил гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал барқарорсозӣ ва рушди авиатсияи гражданӣ дар солҳои 50-80-уми садаи гузашта мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар зербоби дуюм ин боб фаъолияти ташкилӣ ва иқтисодии нақлиёти роҳи оҳан дар низоми хоҷагии халқи Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, қайд гардидааст, ки дар ин марҳилаи рушди коммуникатсия сохтори нақлиётии Тоҷикистон аз се ҷузъи ҳамбасташуда – роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ иборат буд.

Боби шашуми рисолаи докторӣ «Раванди таҳаввул ва рушди соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали ин боб сохтмону навсозии

роҳҳои мошингард ва аҳаммияти нақбсозӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ таҳлил гардидааст.

Дар зербоби дуюм бошад, вижагиҳои фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидаст. Қайд карда шудааст, ки ҳар як навъи нақлиёт хусусиятҳои хоси худро дорост ва дар низоми умумии нақлиёт роҳи оҳан бо афзалиятҳои худ мавқеи махсус дорад. Дар зербоби сеюми боби шашум масъалаи таҳаввули авиатсияи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: марҳалаҳо ва равандҳо таҳлил гардида, таъкид мегардад, ки бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва қатъ гардидани маблағгузории марказӣ, ин бахш дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд ва боиси маҳдуд гардидани фаъолияти роҳҳои ҳавоӣ гардид.

Дар зербоби чоруми боби шашуми диссертатсия, ки ба ҳамкории байналмилалӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI бахшида шудааст, муаллиф таъкид намудааст, ки роҳбарияти кишвар пайваста ба рушди низоми нақлиёт, ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ таваҷҷуҳ кард ва ҳамроҳ шудани ҷумҳурӣ ба конвенсияву муоҳида ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки ҳадафи онҳо тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт мебошад, аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноку муҳимми сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбанд.

Яке аз бартариҳои диссертатсия дар он аст, ки дар матни он 13 то ҷадвалҳо вобаста таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон тахия гардида, дар онҳо масъалаҳои мубрами марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда бо арқому далелҳо инъикос гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия андешаҳои ҷамъбастӣ нисбати мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи мазкур аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва маводи интернетӣ истифода гардидааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ буда, аз шиносоӣ бо рисолаи докторӣ бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Рисолаи доктории Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)», барои муҳаққиқони риштаи таърихнигорӣ, хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон як сарчашмаи муътамади илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия таҳқиқи тамоми масъалаҳои марбут ба таҷрибаи таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар марҳилаи қариб 100-соли замони Шуравӣ ва давраи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобата ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани масъалаҳои таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷкистон таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшавандаи таърихи ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ҳамчунин натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсияро ҳангоми таҳияи стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти рушди хоҷагии роҳу нақлиёти кишвар ва ҳамчун маводи дарсӣ дар раванди таълими фанни таърихи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар хулосаҳои муаллиф саҳифаҳои норавшани масъалаҳои таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021), ки ҷузъи таърихи навини кишварамон мебошад, ба таври дақиқ ва ҳаматарафа баррасӣ гардидааст.

Аз шиносоӣ бо рисолаи доктории диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021), ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо дар оянда ҳангоми нашри монография ба манфиати такмили минбаъдаи матн ва муҳтавои он мебошад:

1. Дар мундариҷа ва саҳифаи 4 - номгӯйи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ навишта шудааст, ки навиштани ибораи “ва ё аломатҳои шартӣ” зарурат надорад. Ҳамзамон, дар номгӯйи ихтисораҳо ихтсораҳои АВВАТ ва IATA ба шарҳу эзоҳи дар матн овардашуда мутобиқат надорад. Ҳамзамон ихтисораҳои АН, ИЛ, АХР, МИ, ЯК, China ROE, SITA, ҲИМОМ, BSP, ДОРПРОЕКТ, ИМР, САЗОМЕС, ДОРПРОИЗ, ки дар матн ба назар мерасанд, шарҳу эзоҳ дода нашудаанд.
2. Дар матни рисолаи илмӣ баъзе хатоҳои техникӣ ва мазмунӣ аз қабили 20 сентябри соли 2020 Инқилоби Бухоро, 27 октябри соли 1924 ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфт(саҳ. 64.) ба чашм мерасанд. Ҳамзамон 10 сентябри соли 1929 машинист И. Ярко ва сардори сохтмон В.Д. Карамов қатораи аввалини силсилаи Эу-733-24 ба вокзали Душанбе расид. Аммо дар баъзе китобҳо 11-уми сентябр омадааст, вале баҳс нест.
3. Дар диссертатсия 13 то ҷадвалҳо таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки ин хуб аст. Аммо баъзе ҷадвалҳо маҳсули эҷоди муаллиф набуда, аз дигар сарчашмаҳо аз ҷумла аз китоби Советский Таджикистан за 60-лет. Душанбе: Ирфон, 1984 гирифта шудаанд.
4. Дар саҳифаҳои 79, 85 иқтибосҳо бе аломати китобатии нохунак қайд гардидаанд, ҳамзамон дар саҳифаҳои 87, 123, 192, 199, 212, 231, 256,

287, 290, факту рақамҳои зиёд навишта шудааст, вале бояд сарчашамаи истифодашуда дар қавсайн ҳамчун иқтибос нишон дода мешуданд.

5. Дар рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашудаи диссертатсия талаботи ҷо ба ҷогузории библиографии рисолаи докторӣ, яъне, аввал санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баъд маводди бойгонӣ, адабиёти илмӣ, диссертатсия ва авторефератҳо, манбаҳои интернетӣ риоя нагардидааст.
6. Дар рисолаи докторӣ дар саҳифаҳои 32, 35, 37, 42, 45, 50, 59, 62, 68, 74, 75, 102, 172, 221, , 238, 283, 308, 331, 375, 376 ва ғайра ва ҳамзамон, дар рӯйхати интишороти муаллиф (саҳ. 367-371) аз ҷумла, дар бандҳои [2-М], [26-М], [27-М], [30-М], [31-М], хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳ ва таҳрири онҳо дар оянда, ҳангоми таҳияи "Ғалатнома" ва нашри монография ба манфиати кор мебошад.

Аммо баъзе камбудиву нуқсонҳои ҷузъии ошкоргардида, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва метавон қайд намуд, ки муаллиф аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифа, ҳадаф ва мақсади дар назди худ гузошта баромадааст ва диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти баанҷомрасида мебошад.

Дар асоси андешаҳо ва мулоҳизаҳои дар боло зикршуда метавон чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯй Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2021)», ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози мантиқӣ баанҷомрасида ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳояш аз 26-уми июни соли 2024, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи докторӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисолаи диссертатсионии докторӣ Айнулозода Наҳтулло Айнуло барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:** сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.т., и.в. профессор Б.П. Ализода

Имзои Б.П. Ализода-ро **тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. Насурдинзода А.Н
«25» 06 соли 2026

Нишонӣ: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru